# Тартиби гузаштан ба имзои электронии мобилӣ

**Қадами (1)** Дар телефони худ барномаи Имзои электронӣ-ро аз сомонаи mbma.tj аз қисмати **Программы** бо ишораи сабт намоед.

**Қадами (2)** Пас аз сабт намудани барнома, ба Ӯтоқи шахсии андозсупоранда воред шавед. Маълумотҳои худро дохил намуда, тугмачаи Дохилшавӣ-ро пахш намоед:




**Қадами (3)** Аз Ӯтоқи шахсии андозсупоранда истифода бурда, ба рӯйхати субъектҳои ба шумо вобасташуда гузаред. Барои ин тугмачаи Рӯйхати пурра -ро пахш намоед:



**Қадами (4)** Дар рӯбарӯи субъекти лозима тугмачаи “Гузариш ба токени мобилӣ”-ро пахш намоед.




Баъди пахш кардан, равзанаи мазкур кушода мешавад:




**Қадами (5)** Дар телефони худ барномаи дар **Қадами 1** борбардорӣ кардаро кушоед ва дар саҳифаи аввали он дар майдони муқарраргардида РМА-и худро дохил намуда, тугмачаи Ҷустуҷӯй-ро пахш намоед.



**Қадами (6)** Дар равзанаи гузариш ба токени мобилӣ, ки дар **Қадами 4** кушода шуда буд, тугмачаи **Бақайдгирии токен дар телефони мобилӣ** -ро пахш намоед. Дар равзани компютер рамзи QR намудор мегардад. Дар давоми 1 дақиқа барномаи токени мобилиро дар телефонатон кушода нигоҳ доред. Барнома ба таври автоматӣ сканери рамзи QR-ро фаъол мегардонад. Бо сканери фаъолгардида рамзи QR-еро, ки дар равзани компютератон намудор гардидааст, хонед:




Пас аз бомуваффақият хондани рамзи QR, барномаи токени мобилӣ ба шумо рамзгузорӣ кардани худро пешниҳод менамояд. Рамзгузорӣ аз дастрас гардидани имкониятҳои барнома ва имзои электронии шумо ба шахси сеюм ҷилавгирӣ менамояд. Рамзи шахсии худро ду маротиба бояд такрор намоед. Нигаред ба намуди зоҳирии равзанаи дохилкунии рамзи шахсӣ:




Пас аз дохил намудани рамзи мазкур, дар Ӯтоқи шахсии андозсупоранда ба шумо имзои электронӣ дастрас мегардад. Барои фаъол кардан ва истифода бурдани он шумо бояд пардохти маблағи имзои электрониро гузаронед. Пардохт бо ду тарз амалӣ карда мешавад:

1. Бо истифода аз “Корти миллӣ”
2. Бо истифода аз ҳамёни электронии Алиф

**Қадами (7)** Гузариш ба пардохти маблағи токени мобилӣ:




Ҳангоми пахш кардани тугмачаи “**Пардохт**” равзани зер кушода мешавад:




Дар ин равзана маълумот оиди маблағи пардохтмешуда ва мушаххасоти Шумо оварда шудааст. Ду тарзи пардохт дар барнома пешбинӣ гардидааст:

1. Пардохт тариқи ҳамёни электронии Алиф Моби
2. Пардохт бо истифода аз Корти Миллӣ

**Қадами (8 а)** Барои пардохт тариқи ҳамёни электронӣ, ба барномаи Алиф-Моби дохил шавед ва қадамҳои зерро иҷро намоед:










Дар қадами охирон, дар майдони **Номер заказа** рақами дархостро аз Қадами 7 рақамчинӣ кунед. Дар қисмати майдони маълумотӣ чунин маълумотҳо намудор мегарданд:

1. **ИНН** - РМА-и шахси воқеӣ – истифодабарандаи Ӯтоқи шахсии андозсупоранда
2. **ФИО** - Ному насаби пурраи шахси воқеӣ
3. **Организация** - Номи пурра субъект (корхона, соҳибкори инфиродӣ)
4. **Действителен до** - Мӯҳлати амали калиди электронии мобилӣ
5. **Сумма** - Маблағ барои пардохт




*Маблағе, ки шумо пардохт мекунед, бояд ба маблағи дар майдони маълумотӣ нишондодашуда баробар бошад. Дар ҳолати кам пардохт кардан, мӯҳлати амали токени мобилии шумо тамдид карда намешавад.*

**Қадами (8 б)** Барои пардохт бо истифода аз Корти миллӣ дар **Қадами 7** тугмачаи “**Пардохт бо Корти миллӣ**”-ро пахш намоед. Барнома шуморо ба таври автоматӣ ба сайти ҶСШК “Алиф Бонк” интиқол медиҳад. Дар он ҷо рақами кортро дохил карда, пардохтро ба итмом мерасонед.



Баъди бомуваффақият анҷом ёфтани пардохт, мӯҳлати амали калиди мобилии шумо тамдид карда шуда, ба шумо дастрасӣ ба Ӯтоқи шахсии субъекти хоҷагидор пешниҳод карда мешавад.